**ВАЗОРАТИ РУШДИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ФАРМОИШ**

№23 ш. Душанбе «15» 03 соли 2023

**Дар бораи таъсис додани Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар соли 2023**

Мутобиқи банди 9-и Низомномаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 28 декабри соли 2006, №589, моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», қисми 2 банди 4-и Низомномаи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2019, №1282 ва банди 5 нусха аз Протоколи маҷлиси Раёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 ноябри соли 2022, №10 **фармоиш медиҳам:**

1. Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва нақшаи он таъсис дода шавад (замимаҳои 1 ва 2).
2. Гурӯҳи кории байниидоравии техникӣ оид ба мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии назди Котиботи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад (замимаҳои 3 ва 4).
3. Сарраёсат ва раёсатҳои дахлдори вазорат якҷо бо вазорату идораҳои соҳаи худ тибқи нақшаи тасдиқгардида маводҳои заруриро бо рӯнамо вобаста ба иҷрои ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ баррасӣ намуда, 7 рӯз пеш аз баргузор гаштани ҷаласа ба Роҳбари Гурӯҳи кории техникӣ пешниҳод намоянд.
4. Маводҳо дар ҷаласаи Гурӯҳи кории техникӣ баррасӣ гардида, бо назардошти таклифу пешниҳодоти ҷаласа ба Гурӯҳи кории мониторинг ва арзёбии байниидоравӣ, ки як маротиба дар се моҳ дар сатҳи муовинони дахлдори вазорату идораҳо баргузор мегардад, пешниҳод карда шуда, 15 рӯз баъд аз баргузор гардидани ҷаласа бо назардошти таклифу пешниҳодҳо аз ҷониби раёсатҳои дахлдори вазорат ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли гузориш манзур карда шавад.
5. Раёсати рушди минтақаҳо ва мониторинги иҷрои барномаҳои миллӣ ҳамчун масъули котиботи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангии фаъолияти аъзои гурӯҳҳои кориро таъмин намояд.
6. Фармоиши Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2022, №12 аз эътибор соқит дониста шавад.
7. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазир – сарпарасти соҳа вогузор карда шавад.

Вазир Завқизода З. А.